ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН!

# ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

№ 10-11 (173)
30 ноябри соли 2021

Нашрияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НАҚШИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



***Дар Донишкади иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалӣ ва ҳамоиши ҷавонон дар мавзӯи «Нақши таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлати навини тоҷикон» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд, ҳамзамон Раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар вилояти Суғд Мирзоқосим Каримзода иштирок ва суханронӣ намуд.

Нахуст, директори донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан суханронӣ намуда, аз хизматҳои барҷастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эҳё ва ташаккули давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдат ва баланд гардидани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ёдовар шуд. Ҳанӯз дар вохӯриҳои нахустини худ бо ҷавонон Пешвои миллат эътимод ва боварии комили худро нисбати ҷавонон иброз дошта, аз ҷумла қайд намуданд, ки ҷавонон қувваи бузург ва ояндаи миллатанд ва мо ба онҳо боварии комил дорем.

Мирзоқосим Каримзода дар баромади худ таъкид намуд, ки ҷавонон дар ҳар давру замон чун қувваи бузург ва пешбарандаи ҷомеа пайваста аз ҷониби давлат ба ғамхорӣ фаро гирифта мешаванд. Дар саргаҳи ин ғамхорӣ ва дастгирӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.

Сипас, н.и.т., дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ Тӯтинисо Мирбобоева дар мавзӯи «Иҷлосияи таърихӣ ва аҳамияти он» маърӯзаи пурмӯҳтаво намуда, бо санадҳои таърихӣ моҳияти иҷлосияи таърихиро тавзеҳ дод.

Дар идомаи чорабинӣ муаллими калони кафедраи ҷомеашиносӣ Фирӯз Ҳошимов зери унвони «Нақши мактаби сулҳофари Пешвои миллат дар таъмини амнияти Осиёи Марказӣ» баромад кард.

Донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси молия ва қарз (гурӯҳи англисӣ) Давронзода Манижабону дар мавзӯи «Саҳми Пешвои миллат дар эҳё ва муаррифии таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ» баромад намуд.

Ҳамаи маърӯзачиён дар баромадҳои худ аз хизматҳои намоёни Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ёдоварӣ шуда, ҷавононро ба арҷгузорӣ ба дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ даъват намуданд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ донишҷӯён бо сурудҳои ватандӯстона баромад карда, хотири аҳли нишастро болида намуданд.



## ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОН!



***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Парчамат бодо парафшон, Тоҷикистон!» баргузор гардид.***

Нахуст, директори донишкада номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан бо сухани ифтитоҳи баромад карда, зикр намуд, ки дар таърихи башарият Парчам аз давраҳои қадим ҳамчун рамзи давлатдорӣ истифода мешуд. Миллати тоҷик, ки дорои таърих ва суннатҳои қадимаи давлатдорӣ мебошад, аз давраҳои бостонӣ соҳиби давлатҳои мутамарказ ва рамзу рукнҳои хосае буд. Пайдоиши Парчам таърихи хеле қадима дошта, парчамбардорӣ барои аҷдодони мо ҳанӯз аз замони Сосониён оғоз шудааст.

Сипас, Раиси Кумитаи Иттифоқи касабаи кормандони савдо, кооператсияи матлубот ва корхонаҳои хусусии вилояти Суғд Бузуруков Инъомхӯҷа бо сухани табрикотӣ баромад карда таъкид кард, ки Парчами давлатии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳоди вайроннашавандаи коргару деҳқон ва зиёиён, дӯстиву бародарии ҳамаи миллатҳои сокини ҷумҳурӣ мебошад ва бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли 1992 қабул карда шудааст. Баъдан, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Умаров Содирхон дар мавзуи «Таърихи парчамдории тоҷикон» ва ассистенти ҳамин кафедра Раҳматуллоева Анисахон таҳти унвони «Мавқеи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ» маърӯзаҳои пурмӯҳтаво намуданд.





Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ донишҷӯён бо суруду рақсҳои ҷолиб хотири аҳли нишастро болида намуданд.

***Хабарнигори "ИТ"***

# МУАММОҲОИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФИИ ДАВЛАТҲОИ ИДМ ДАР МАРҲИЛАИ COVID-19





***Санаи 25-уми ноябри соли 2021 дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар доираи рушди робитаҳои байналмилалӣ ва тақвияти корҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада мизи мудаввари байналмилалии илмӣ дар мавзӯи “Муаммоҳои иҷтимоӣ-демографии давлатҳои ИДМ дар марҳилаи COVID-19” бо иштироки меҳмонони ватаниву хориҷӣ баргузор гардид.***

Дар оғози ҷаласаи мизи мудаввар директори Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, меҳмононро хайрамақдам гуфт.

Меҳмонони олиқадр аз Федератсияи Россия, аз ҷумла, д.и.и., профессор, узви пайвастаи АИР, директори Институти тадқиқотҳои демографии Маркази илмӣ-тадқиқотии иҷтимоии федералии Академияи илмҳои Россия мудири кафедраи сиёсати демографӣ ва муҳоҷиратии ДДРБМ ВКХ Россия Рязансев Сергей Василевич дар мавзӯи “Рушди демографии давлатҳои ИДМ: 30 соли пошхӯрии ИҶШС” баромад намуд.



Сипас, маърӯзаи н.и.и., муовини директор оид ба лоиҳакашии инноватсионии Институти тадқиқотҳои демографии Маркази илмӣ-тадқиқотии иҷтимоии федералии Академияи илмҳои Россия, дотсенти кафедраи сиёсати демографӣ ва муҳоҷиратии ДДРБМ ВКХ Россия Лукянес Артём Сергеевич дар мавзӯи «Муҳоҷирати иқлимӣ ҳамчуни тренди муосир» шунида шуд.

Аз олимони ватанӣ д.и.и., профессор, корманди пешбари маркази илмӣ-тадқиқотии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ Азимов Абдумавлон Ҷалилович дар мавзӯи «Муҳоҷирати таълимӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» маърӯза намуд.

Дар фазои тантанавӣ аз тарафи директори Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ба директори Институти тадқиқотҳои демографии Маркази илмӣ-тадқиқотии иҷтимоии федералии Академияи илмҳои Россия Рязансев Сергей Василевич дипломи “Профессори фахрӣ”-и донишкада супорида шуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ байни Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд ва Институти тадқиқотҳои демографии Маркази илмӣ-тадқиқотии иҷтимоии федералии Академияи илмҳои Россия созишномаи ҳамкории тарафайн дар бобати иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, гузаронидани онлайн-лексияҳо ва тайёр кардани мутахасстсони илмӣ ба имзо расид.

Ходими калони илмии Институти тадқиқотҳои демографии Маркази илмӣ-тадқиқотии иҷтимоии федералии Академияи илмҳои Россия Акрамов Шариф Юлдошевич барои гузаронидани чунин як мизи мудаввар дар сатҳи олӣ ба аҳли Раёсати донишкада изҳор сипос намуд.

Мизи мудаввари байналмилалии илмӣ дар мавзӯи “Муаммоҳои иҷтимоӣ-демографии давлатҳои ИДМ дар марҳилаи COVID-19” бо иштироки меҳмонони ватаниву хориҷӣ дар фазои гарми дӯстона бо муҳокимаҳои илмӣ ва баррасии як қатор пешниҳодҳои судманд ба анҷом расид.

***Нуъмон Раҷабзода,***
***Тоҳир Салимов***

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ «РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ»



***Санаи 23 ноябр бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ ҷаласаи корӣ баргузор гардид.***

Сараввал Директори Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар ҷаласа оид ба татбиқи Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» сухан ронда, қайд кард, ки мақсади лоиҳаи мазкур ин таҳияи механизмҳои беҳтар намудани мониторинги сифат ва мутобиқати таҳсилоти олӣ ба бозори меҳнат мебошад.

Директори Донишкада таъкид намуд, ки ДИС ДДТТ яке аз фаъолтарин донишгоҳҳои ҷумҳурӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳо дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” ба ҳисоб рафта, аз соли 2017 то имрӯз чаҳор лоиҳаҳои “Рушди таҳсилоти олӣ”-ро бо муваффақият дар амал татбиқ кардааст.

Мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Саидқосим Мухторов дар баромади худ оид ба самти нави Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ», самти 1.3 “Беҳтар намудани роҳи таълим”, ки он аз ду қисмат иборат аст: таъмини МТОК бо ТИК ва таҷҳизоти лабараторӣ ва тақвияти иқтидори фосилавӣ сухан ронда, дар бораи тарзи пурра намудани дархости лоиҳа, хусусиятҳои он, тартиб ва ба танзим даровардани лоиҳа аз рӯи намунаи пешниҳод намудаи Вазорати маориф ва илм ба ҳозирин маълумот дод.

Доир ба омода намудани лоиҳаҳо муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмиллалӣ Д. Мирпочоев, муовини директор оид ба таълим Ш. Машокиров, сарпарасти лоиҳаҳои байналмиллалӣ И. Аминов, мудири кафедраи математика ва технологияи информатсионӣ А. Ваҳҳобов, устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Ш. Қобилов ва мудири маркази бақайдгирӣ ва машварат А. Ҷабборов фикру андешаҳои худро баён карданд.

Гурӯҳи кории техникӣ барои омодасозии пешниҳоди лоиҳаи ДИС ДДТТ барои озмуни эълон гашта, кори худро оғоз намуд.

***Сарвар Разоқова,***
***корманди шуъбаи***
***робитаҳои байналмилалӣ***

# ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДОНИШҶӮЁН

***Баҳри татбиқи барномаи давлатии гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ва амалигардонии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бо ибтикори кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ вохӯрии намояндагони Бонки байналмилалии Тоҷикистон бо донишҷӯёни ихтисосҳои 40010202-технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) ва 25011200-информатикаи иқтисодӣ баргузор гардид.***



Вохӯриро декани факултет дотсент Шарипов З.У. бо сухани ифтитоҳӣ оғоз карда, қайд намуд, ки дар шароити имрӯза аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри амалӣ гардонидани иқтисодиёти рақамӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуда истодааст. Бинобар ин баҳри амалӣ сохтани ин ташаббус ҷумҳурии мо ба кадрҳои соҳаи IT-технологияҳо ниёз дорад. Имрӯз бо ибтикори кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионӣ вохӯрӣ бо намояндагони Бонки байналмилалии Тоҷикистон: ҷонишини директори бонк дар вилояти Суғд Ҷӯраев Ҷ.Ҷ., директори департаменти IT-технологияҳо Голубев И.Н. ва сардори шуъбаи таъминоти барномавии Бонки байналмилалии Тоҷикистон Раҳимов Т.Р. ва дигарон баргузор мешавад.

Дар баромади худ Голубев И.Н. ва Раҳимов Т.Р. маълумоти кӯтоҳ оид ба бонки зикршуда ва мақсади ташриф оварданашонро ба донишкада муаррифӣ намуда, қайд намуданд, ки норасоии кадрҳои баландихтисоси соҳаи IT-технологияҳо дар тамоми ҷаҳон ва аз он ҷумла, дар ҷумҳурии мо низ ба назар мерасад. Мақсади мо аз байни донишҷӯён ҷудо карда гирифтани донандагони болаёқати IT-технологияҳои муосир, таъмини гузаштани таҷрибаомӯзии музднок ва дар оянда фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои онҳо мебошад.

Дар интиҳои вохӯрӣ ба зиёда аз 40 нафар донишҷӯён варақаи тестии имтиҳонӣ иборат аз 10 мисолу масъалаҳо дода шуда, барои иҷроиш 30 дақиқа вақт ҷудо карда шуд. Рӯзҳои наздик натиҷаҳои имтиҳон аз ҷониби масъулини бонк баррасӣ карда мешавад.

***Хабарнигори “ИТ”***

# КОНСТИТУТСИЯ - ТАҶАССУМГАРИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ ДАВЛАТ

***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд чорабинии идона, бахшида ба 27-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар огоз директори донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, устодону донишҷӯёнро бо ин санаи муҳим табрик гуфта, таъкид намуд, ки санаи 6 ноябри соли 1994 барои тамоми мардуми тоҷик яке аз санаҳои тақдирсози миллат мебошад, зеро маҳз дар ҳамин рӯз бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки имсол мо 27 солагии онро ҷашн хоҳем гирифт. Ин сана барои мардуми мо, як санаи таърихӣ буда, сарнавишти имрӯзу фардои давлатамонро дар худ таҷассум менамояд.***

Сипас, дар вазъияти тантанавӣ ба ифтихори ҷашни бузурги 30- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 27-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин саҳми арзанда дар корҳои ободонию созандагии бинои таълимии нав як қатор устодон ва кормандон бо нишони «Аълочии кооперативии матлубот» ва Ифтихорномаи Иттифоқи Тоҷикматлубот, инчунин Сипосномаи раёсати донишкада қадрдонӣ карда шуданд.

Дар идомаи чорабинӣ н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқшиносӣ Абдуллоева Дилором дар мавзӯи «Мавқеи Конститутсия дар инкишофи давлатдории тоҷикон» маърӯзаи пурмӯҳтаво намуд.

Баъдан, донишҷӯи курси сеюми ихтисоси 24010302-«Танзими ҳуқуқии молия ва қарз» Мунавваров Сайфиддин тахти унвони «Аз таърихи қабул ва рушди Конститутсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад кард.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ озмуни «Донандаи беҳтарини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида шуд. Донишҷӯён ба дастаҳои «Фемида», «Ҳифзкунандагони Конститутсия» ва «Танзим» тақсим шуда, байни ҳам аз рӯи чор шарт рақобат намуданд.

Дар охири чорабинӣ донишҷӯёни фаъоли озмун бо Ифтихорнома ва Сипосномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.



# ҲАМКОРИҲОИ САМАРАБАХШ БО КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳиддин Панҷшанбезода, директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Ҷумъахон Файзализода ва сардори Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуқра Аҳмадова ба китобхонаи ДИС ДДТТ ташриф оварда, аз шароит ва махзани китобхонаи илмии донишгоҳ дидан карда, бо захираи китобҳои чопиву электронии китобхона аз наздик шинос шуданд.***



Ҳадаф аз боздиди меҳмонон ҷамъоварии асарҳои олимони донишкада, докторантону донишҷӯён, маводи конференсияҳо, маҷмӯаи мақолаҳо, монографияҳо, инчунин ҷамъоварии маводи чопиву электронӣ ва муаррифии асарҳои олимону муҳаққиқон арзёбӣ карда мешавад.



Зимни шиносоиву боздид аз китобхонаи донишкада меҳмонон хостори густариши ҳамкориҳои минбаъда бо Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Ҳамкориҳо барои муаррифии асарҳои олимону устодон ва муҳаққиқон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Ҳамчунин меҳмонон ба китобхонаи электронии донишкада ташриф оварда, оид ба фаъолияти ин махзани илму маърифат ошно гардиданд. Миқдори муайяни китобу асарҳои олимону муҳаққиқони донишкада ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим гардид.

# ВОХӮРИИ ОНЛАЙНӢ БО ДАФТАРИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ONDOKUZ MAYIS UNIVERSITY



***Муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо Донишгоҳҳои олии кишварҳои хориҷа аз рӯи самтҳои барномаи мубодилаи донишҷӯёну омӯзгорон, тадқиқотҳои якҷояи илмӣ, иштирок дар конфронсҳо ва симпозиумҳои илмии байналмилалӣ, забономӯзӣ ва ивази таҷрибаи таълимӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст.***

Бо ҳамин мақсад, санаи 12 ноябри соли 2021 миёни Дафтари ҳамкориҳои байналмилалии Ondokuz Mayıs University ва Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон вохӯрии онлайнӣ баргузор гардид. Дар мулоқот имконоти ҳамкориҳои байналмилалӣ, бахусус дар чаҳорчӯбаи барномаҳои табодул баррасӣ шуд.

Дар вохӯрии директори шуъбаи равобити байналмилалӣ, доктор Мустафо Саид, ҳамоҳангсози Эразмус+ доктор Исмоил Яман, роҳбари Дафтари ҳамкорӣ ҷаноби Бирол Курд ва мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалии донишкада, ҳамоҳангсози Эразмус Саидқосим Мухторов тасмим гирифта шуд, ки пеш аз ҳама созишномаи ҳамкорӣ байни ин ду донишгоҳ ба имзо расида, дар оянда барномаҳои табодули донишҷӯён амалӣ карда шавад.

***Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ***



# ҒОЛИБОН ҚАДРДОНӢ ГАРДИДАНД

***Дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд баргузор гардид.***



Дар чорабинӣ Нозакзода Зулхия - раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мӯсобек Мироватов - Раиси иттифоқи касабаи командони маориф ва илми вилояти Суғд, Нуъмон Обидзода - муовини аввали раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд, Абдураҳим Қурбонов - сармутахассиси Раёсати маорифи вилояти Суғд иштирок ва баромад намуданд.

Аз тарафи Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд ба 30 нафар собиқадорони соҳа ва 110 нафар ятимони кулл ва маъюбони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касби тухфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Ҳамзамон 42 нафар ғолибони спартакиадаи варзишӣ дар намуди шашка, шоҳмот, тениси рӯи миз ва волебол байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо дипломи дараҷаи 1, 2, 3 ва Ифтихорномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Дар спартакиадаи варзишӣ устодони Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ низ фаъолона иштирок карда, соҳиби диплом гаштаанд. Аз рӯи намуди шашка байни мардҳо, соҳиби ҷойи



3 мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ, дотсент Бобоев Ғ., байни занҳо, ғолиби ҷойи 3 дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ Мирбобоева Т. ва дар намуди тениси рӯи миз дар байни занҳо ҷойи 3-ро ассисенти кафедраи ҷомеашиносӣ Абдуллоева Ш. гирифтаанд. Инчунин ба 5 нафар донишҷӯёни донишкада тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

# ИЛМИ АХЛОҚ АЗ ҲАМА ИЛМҲО ВОҶИБ АСТ



***Тамаддуни тоҷику форс хеле қадим ва бой буда, кулли рукнҳои он – фарҳангу илм, фалсафаю ахлоқ, асотиру дин, адабиёту санъат, сиёсату давлатдорӣ, меъмориву шаҳрсозӣ, иқтисодиёту истеҳсолот ва амсоли инҳо ба зинаи баланди тараққиёт расида, ба ташаккулу такомули фарҳанги дигар халқу миллатҳо низ мусоидат намудааст.***

Аз рукнҳои бунёдии фарҳанги миллӣ фалсафа, ахлоқ, оини ҷавонмардӣ аст, ки ба туфайли шеваи хушбинонаву пирӯзгарона, созандаву инсондӯстонаи он миллати тоҷику форс дар таърихи мавҷудияти бисёрҳазорсолаи худ санҷишҳои сангини таърихиро сарбаландона паси сар намудааст.

Миллати тоҷик, Тоҷикистони маҳбубамон баъди ба даст овардани Истиқлолият зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърих ба комёбиҳои намоёни маданию илмӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву давлатдорӣ, эҳёи суннатҳои волои фарҳанги миллӣ ноил гаштааст.

Таърихи фалсафаи тоҷику форс, қисми ҳикмати назарии он – таълимоти ҳакимон доир ба мавзӯъҳои ҳастишиносӣ (онтология), маърифатшиносӣ (гносеология), инсоншиносӣ (фалсафаи антропология), мантиқ, аз фалсафаи муосир, фалсафаи табиатшиносӣ ва амсоли ин нисбат ба ҳикмати амалӣ бештар омӯхта шудаанд.

Ба ин тадқиқоти зиёди муҳаққиқон, академикҳо ва аъзоёни вобаста А. Баҳоваддинов, М. Осимӣ, М. Диноршоев, А. Турсунов, Ғ. Ашӯров, К. Олимов, Х. Додихудоев, М. Раҷабов, Н. Одилов, А. Муҳаммадхоҷаев, Н. Сайфуллоев, М. Болтаев, М. Ҳазратқулов ва дигарон гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳикмати амалӣ – афкори иҷтимоию ахлоқӣ ва сиёсии ниёкон нисбатан кам омӯхта шудааст. Ин қисми фалсафаро миқдори маҳдуди муҳаққиқон, докторон ва номзадҳои илм Н. Арабзода, У. Султонов, А. Шамолов, К. Бекзода, Муҳаммад Алӣ, Қ. Восеъ (аз мавқеи адабиётшиносӣ), С. Раҳимов, З. Вазиров, Н. Содиқова, М. Султонов, Н. Идибеков, А. Содиқов, А. Исоев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Муаллифони мазкур, бешубҳа, дар таҳқиқи ҳикмати амалӣ саҳми муайян гузоштаанд.

Кунун марҳилае расидааст, ки ҳикмати амалӣ, афкори ахлоқию иҷтимоии ниёкон аз рӯи равия ва мактабҳои фалсафа дар муқоиса таҳлил шаванд. Чунин усули пажӯҳиш имкон медиҳад, ки фарқу махсусияти онҳо, бисёр паҳлӯҳои торики ҳикмати амалӣ равшан карда шаванд.

Аз зарурати вусъати омӯзиши ахлоқ, иҷтимоиёту сиёсат, ки ҳадафи аслӣ ва ниҳоии он тарбияи инсони комил мебошад, ин аст ки фалсафаи назарӣ, умуман илм маҳз ба туфайли ахлоқ, ҳикмати амалӣ дар воқеияти ҷомеа роҳ ёфта, анҷоми мантиқии худро ба даст меорад.

Дар замони муосир зарурати пажӯҳиши мавзӯъҳои мубрами фалсафаи иҷтимоӣ беш аз пеш ба миён омадааст. Таърихи ҳикмати амалӣ, афкори иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқию эстетикии ниёконамон хеле қадим ва бой аст. Дар он нуктаву ақида, андешаву ҳақиқатҳои пурқимати иҷтимоӣ маҳфузанд, ки арзиши илмии худро гум накардаанд ва барои рушди фалсафаи иҷтимоии муосир метавонанд мусоидат намоянд.

Азбаски ахлоқ бунёди маънавии ҳастии инсон ва ҷомеа мебошад, хулқу одоб дар тамаддуни тоҷику форс ҳамчун арзиши воло, муқаддам, хулқиёт, этика бошад, илми аз ҳама воҷиб ва зарур эътироф гаштааст. Ҳакимони бузург ин ҳақиқати мутлақ, таҷрибаи илмӣ ва амалияи ҷамъиятиро ба асос гирифта, муқаддамият, авлавияти ҳикмати амалӣ, хоса хулқу одобро эътироф ва пайвас-та талқин намудаанд. Ҳамвора бо ин ҳакимон баробари фалсафаи назарӣ доир ба ҳикмати амалӣ асарҳои зиёди бунёдӣ эҷод кардаанд.

Кулли ҳакимон ва адибони мутафаккир роҷеъ ба муқаддамият, авлавияти ахлоқ ақидаҳои пурқимат баён намудаанд. Чунончӣ:

***Марди адабро хирад физояду ҳикмат,***
***Марди хирадро адаб физояду имон.***

***Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ***

***Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,***
***Бинеҳ бар сар бирав ҳарҷо ки хоҳӣ.***

***Ҷалолуддини Румӣ***

***Боядат аввал адаб андӯхтан,***
***Пас ба дигар кас адаб омӯхтан.***

***Абдурраҳмони Ҷомӣ***

***Асли куллӣ чу хулқро дидам,***
***Илми ахлоқро писандидам.***

***Камолуддини Биноӣ***

***Илми ахлоқ аз ҳама илмҳо воҷиб аст.***

***Муҳаммад Ҳиҷозӣ***

Дар таърихи афкори ахлоқии ниёкон, аз ҷумла оини ҷавонмардӣ, муродифаш футувват аз таълимоти қадимтарин ва пурғановати миллӣ маҳсуб меёбад. Ҷавонмардӣ падидаи нодири афкори ҷамъиятист, ки хусусияти фалсафию ахлоқӣ, сиёсию иҷтимоӣ дорад. Вай афкори табақаи миёна, ҳунармандону косибон, қишри фаъоли ҷомеа буда, арзишҳои волои иҷтимоӣ - меҳнатдӯстӣ, созандагӣ, адлу инсоф, дӯстию бародарӣ, ҳикмату шуҷоат, иффату одамият ва амсоли инро фаро гирифта, барои ҳастиву бақои миллат, барои ҳимояи манфиатҳои мардум нигаронида шудааст. Ҷавонмардӣ дар тӯли раванди тараққиёти таърихии тамаддуни тоҷику форс тибқи талаботи ҳар як замон тағйиру таҳаввул меёфт, баробари ин ҷавҳари ахлоқӣ, ватандӯстонаи худро такомул медод.

Футувват дар мағз андар мағзи фалсафа, фарҳанг, адабиёту санъат, анъана, расму суннатҳои мардумӣ ҷой дорад. Хусусан, оини мавсуф дар асрҳои XV ва XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон инкишофи баланди худро ёфтааст.

Таҳлили ҳикмати амалӣ, афкори ахлоқии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои XV–XVI нишон медиҳад, ки барҳақ дар ин даврон илму фалсафа, фарҳангу адабиёт ва санъат хеле рушд ёфтаанд.

Чунин пешрафту тараққиёт тасодуфӣ набуда, давоми қонунии суннату оинҳои қадим ва бойи ҳикмату фалсафаи ниёкони тамаддунофарамон аст. Инро дар даврони мавсуф дар мисоли комёбиҳои маркази илмии Самарқанд, осори олимон, файласуфон ва адибони мутафаккир, монанди Қозизодаи Румӣ, Алӣ Қӯшчӣ, Ҷалолуддини Давонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Воизи Кошифӣ, Зайнуддини Восифӣ, Камо-луддини Биноӣ, Фахруддин Алии Сафӣ, Бадруддини Ҳилолӣ, рассоми оламшумул Камолуддини Беҳзод ва дигарон метавон мушоҳида кард.

Дар афкори ахлоқии садаҳои мавсуф ҳикмати амалии мактаби машшоия ва хоса, оини ҷавонмардӣ хеле инкишоф ёфтаанд. Ҳикмати амалии машшоиён низоми мураттаби таълимотест, ки аз се қисми таркибӣ – илмҳои ахлоқ, оиладорӣ ва сиёсатшиносӣ иборат аст.

Файласуфи бузурги асри XIII Насируддини Тӯсӣ осори ҳакимони машшоъ, “Сиёсати мудун”-и Абӯнасри Форобӣ, “Тадбири манзил”-и Ибни Сино, “Таҳзиб-ул-ахлоқ”-и Абӯалӣ Мискавайҳро роҷеъ ба ҳикмати амалӣ инкишоф дода, дар як китоб ҷамъ оварда, онро “Ахлоқи Носирӣ” унвон кардааст.

Дар асри XV Ҷалолуддини Давонӣ ҳикмати амалии машшоиёни гузашта, хоса Насируддини Тӯсиро пайравӣ карда, асаре бо номи “Ахлоқи Ҷалолӣ” эҷод кардааст. Аллома Давонӣ мисли устодони худ мафҳуми ахлоқро ба маънои васеъ истифода намудааст. Дар доираи мафҳуми ахлоқ на танҳо махсус мавзӯъҳои ахлоқ, ҳамчунин, кулли масъалаҳои ҳикмати амалӣ – илмҳои оиладорӣ, давлатдорию сиёсатшиносиро баён намудааст. Ин падида, воқеият бесабаб нест. Зеро бунёди кулли амалҳову муносибатҳо, робитаҳои ҳуқуқӣ, оилавӣ, иҷтимоиро хулқу одоб, рафтор ташкил медиҳанд. Аз мантиқу мазмуни ҳикмати амалии машшоиёни тоҷику форс бармеояд, ки чун хулқу атвор нек аст, мисли он ки оби сарчашма агар тозаву соф бошад, оби ҷӯйҳои он низ поку мубаррост, амалҳои сиёсиву иҷтимоӣ низ солеҳу солим, писандида мегарданд.

Оини ҷавонмардӣ ҳамчун илм, низоми мукаммали ахлоқӣ низ буда, назар ба ҳикмати амалии машшоия бештару муфассал паҳлӯҳои амалии ахлоқ, шохаҳои ахлоқи касбӣ, ахлоқи сиёсӣ, одоби муошират, этикет ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Вале мавзуъҳои соф фалсафа, назарияи ахлоқ, илми оиладорӣ ва сиёсат камтар ба назар мерасанд.

Дигар аз тафовутҳои оини ҷавонмардӣ аз таълимоти машшоия ин аст, ки агар забону баёни машшоия мураккаб, бештар дастраси олимон, мударрисону муҳассилини мадраса бошад, вале забону баёни оини ҷавонмардӣ содда, оммафаҳм аст. Футувват, ҷавонмардӣ таълимоти демократӣ, мардумӣ буда, тамоми табақаву қишрҳои ҷомеаро фаро мегирад. Он, ҳамвора, дар расму суннатҳо, ҳаёти муқаррарӣ, иду айём, маъракаҳои мардум инъикос ёфтааст.

Таълимоти машшоия ва оини ҷавонмардӣ яке аз дигаре аз баъзе ҷиҳатҳо тафовут ё афзалият дошта бошанд ҳам, дорои паҳлуҳои умумӣ буда, ҳамвора яке дигареро мукаммал намуда, талаботу ниёзи маънавии кулли синфу табақа ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро қонеъ гардонидаанд.

Сарчашмаи назарии оини ҷавонмардӣ китоби «Авесто», таълимоти зардуштия, монавия ва осори насри омиёнаи тоҷику форс, ба монанди “Самаки айёр” мебошанд. Дар ташаккулу таҳаввули он рисолаҳое, ки ба пешаву ҳунарҳои гуногун оиданд, низомномаҳои касбӣ ва таҷрибаҳои меҳнатӣ ва амалии бисёрасраи косибону ҳунармандон низ нақши муҳим бозидаанд. Ҷавонмардӣ аслан таълимоти ҳунармандону косибон, табақаи миёна ва фаъоли иҷтимоӣ буда, муҳимтарин арзишҳои воло ва ҳаётии ҷомеаро фаро мегирифт.

Мазмун ва мӯҳтавои оини ҷавонмардиро арзишҳои волои маънавӣ: бародариву ҳамкорӣ, адлу инсоф, дӯстиву рафоқат, хайрхоҳиву накӯкорӣ, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, таҳаммулу бурдборӣ, рафъи зулму золимӣ, дастгирии афтодагону ятимон ва монанди инҳо ташкил медиҳанд. Аз хусусиятҳои назарраси ҷавонмардӣ ин аст, ки баробари баъзе паҳлӯҳои назарии ахлоқ, бештар, ҷиҳатҳои амалии он – одоби муошират, ахлоқи касбӣ, ки хулқу одоб ба воситаи инҳо татбиқи мушаххаси худро дар ҳаёти воқеӣ касб менамояд, фаро мегирад. Ҳакимон ин паҳлӯи муҳими оини мавсуфро махсус чунин зикр кардаанд: ***“ҷавонмардӣ амалест, фақат амал, на ҳарф”.*** Таълимоти футувват намунаи олии пайванди илму амал аст, ки бузургон инро айни савоб ва амри зарурӣ ҳисобидаанд.

Оини ҷавонмардӣ дар ҷомеа, дар афкору ҳаёти иҷтимоӣ нақшу нуфузи баланд касб карда, мағз андар мағзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷой гирифта буд. Футувват тӯли ҳазорсолаҳо бо тақозои таърих, ҳаёти иҷтимоӣ беҳтарин орзуву ормон, арзишҳои иҷтимоии миллӣ ва умумибашариро таҷассум намуда, вай баробари тарбияи маънавии аҳли ҷомеа, ҳамчунин, барои рафъи мушкилоти сангини таърихӣ дар ҳаракатҳои ватанхоҳона ва озодихоҳона нақши бузург бозидааст. Қаҳрамонону сарбадорон, сарварони ҷунбишҳои халқӣ - Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Яъқуб ибни Лайс, Маҳмуди Торобӣ, Амир Темурмалик, Восеъ ва амсоли инҳо ҳама футувватдорони ҷавонмард буданд.

Оини ҷавонмардӣ тамоми қишрҳои ҷомеа, чи табақаи поёну чи боло, чи пиру чи барно, чи ҷавондухтарону чи ҷавонписарон, чи мардону чи занонро фаро гирифта буд. Ин ҳақиқати таърихӣ, падидаи иҷтимоӣ ҳам дар осори шифоҳӣ, ҳам хаттии даври қадим, ҳам адабиёти асрҳои миёна инъикос ёфтааст. Занону ҷавондухтароне, ки дар онҳо тасвиру тавсиф ёфтаанд, ҳам паҳлавону далер, ҳам вафодору поканд. Ҷавондухтарон, мисли ҷавонписарон, нотарсу шуҷоъ, ростқавлу ботадбир, ҳақиқатпарвару адолатхоҳ буда, баробари онҳо ба муқобили бадӣ, риёкорӣ, зиштӣ далерона мубориза мебаранд, барои ҳифзи ватан ҷонфидоӣ менамоянд.

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ як зумра духтарону занони рӯҳан ва ҷисман зебову шуҷоъ ва диловар, модарони мушфиқ ва ҳамсарони фидокор, аз қабили Гурдофарид, Рӯдоба, Манижа, Фарангис, Таҳмина, Синдухт, ки дорои фазилатҳои волои оини ҷавонмардианд, тас-вир ёфтаанд. Ба қавли мутафаккири бузурги рус Н. Г. Чернишевский “Гурдофарид андоми зебо ва қавӣ дошта ва агар ҷавшан пӯшад, аз байни ҳамаи лашкари Тӯрон дар ҷанги танбатан ба ӯ фақат Сӯҳроб тоб оварда метавонад, ҳарчанд дасти ӯ аз дасти Хаҷир камқувваттар аст, дили ӯ мустаҳкамтар, нигоҳаш бебоктар, ҳаракатҳояш сабуктар, зарбаҳояш – нишонрас-тар” .

Роҷеъ ба интишор, мақом, арзишҳои воло ва фазилатҳои наҷиби оини ҷавонмардӣ дар Мовароуннаҳр сайёҳи номии араб Ибни Батута дар “Сафарнома”-и худ далелҳои аҷиб ва мӯътамадро зикр кардааст: ***“Ман дар тамоми дунё мардуме накӯкор аз онон (ҷавонмардон) надидаам. Гарчи аҳли Шероз ва Исфаҳон ҳам ба равиши ҷавонмардон ташбеҳ мекунанд, аммо эшон дар гарибнавозӣ ва меҳмондорӣ бештар ва пештаранд. Онҳоро дар Ироқ шатир, дар Хуросон сарбадорон ва дар Магриб суқра меноманд. Оини адолат дар қаламрави онҳо чунон равнақ гирифт, ки сиккаҳои тиллову нуқра дар ӯрдугоҳҳои эшон рӯи хок мерехт ва то соҳиби он пайдо намешуд, касе даст ба сӯи он дароз намекард”.***

Футувват ҳамчун таълимоти фалсафию ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ талаботи таърихии ҳар як замонро қонеъ гардонида, вобаста ба он тағйиру таҳаввул меёфт ва ҳамвора моҳияту ҷавҳари ахлоқию гуманистии он вусъату такомул касб менамуд.

Ҷавонмардӣ, футувват падидаи нодири иҷтимоию маънавӣ, яке аз рукнҳои дурахшони фарҳанги тоҷику форс маҳсуб меёбад. Оини ҷавонмардӣ бо сиришти мардумӣ, демократӣ давоми ҳазорсолаҳо мағз андар мағзи расму русум, шууру тафаккур, ахлоқу одоб ва суннатҳои миллӣ ҷой дошт.

Ҷавонмардӣ бо арзишҳои ҷовидонаи иҷтимоӣ ва ҳаётан зарур дар ҳама давру замон, хоса марҳилаҳои сангину тақдирсоз барои бақои тамаддуни миллати тоҷику форс, ҳифзи адлу инсоф, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои миёна ва поёни ҷомеа нақши муҳим бозида, дар замони муосир низ қимати худро гум накардааст.

Он расму оинҳои наҷиби мардумии таълимоти ҷавонмардӣ дар фарҳангу суннатҳои муосири тоҷикону тоҷикистониён низ давом дорад. Фазилатҳои наҷиби маънавии имрӯзиён – накӯкорӣ, некномӣ, одамдӯстӣ, меҳмоннавозӣ, илму ҳикматдӯстӣ, шарму ҳаё, ҳурмати калонсолон, арҷгузорӣ ба гузаштагон, одамият, ватанпарварӣ, башардӯстӣ, созандагӣ, меҳнатқаринӣ ва амсоли инҳо мерос аз оини тиллоии ҷавонмардӣ, фарҳанги нодири оламшумули ниёкони шӯҳратёрамон маҳсуб меёбанд.

***Мақсудҷон МИРБОБОЕВ,***
***профессор***

# ЗИНДАГИНОМАИ ШАХСИЯТ ВА ЧЕҲРАҲОИ БАРҶАСТАИ МИЛЛАТ

## *(Чанд нукта оид ба китоби «Чеҳраҳои мондагор». – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 саҳ.)*




***Асари Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН «Чеҳраҳои мондагор» дар асоси асарҳои илмиву таърихӣ таҳия гардида, аз ҷиҳати гоя гаронмояву арзиши баланди илмӣ, маънавӣ ва тарбиявиро дорост, ки он консепсияи хоси муаллифро дар шинохти нақш ва ҷойгоҳи чеҳраҳои таърихиву фарҳангӣ дар таърихи миллат муайян мекунад. Аҳамияти беандозаи китоб аз он иборат аст, ки асари мазкур бо забони адабии тоҷикӣ нигошта шуда, барои аҳли илму адаб, дӯстдорони таъриху фарҳанг ва адабиёти пургановати гузаштагонамон пажӯҳиши арзишманд ба ҳисоб рафта, барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ифтихор аз ватану ватандорӣ ва шинохти бузургони миллати тоҷик воситаи муҳими тарбия ба шумор меравад.***

«Чеҳраҳои мондагор» матлабҳои пурмуҳтаворо дар бораи зиндагинома, фаъолияти вежаи сиёсию фарҳангии 25 нафар арбоби давлатӣ, пешвоёни сиёсӣ, муборизони ҷодаи озодӣ, намояндагони дину мазҳаби тоисломӣ ва баъдиисломӣ, олимону шоирону нависандагони классики форсу тоҷик ва муосир, ба монанди Куруши Кабир «Бунёдгузор давлатдории мутамаддин» (с. 6-24), Спитамен «Парчамбардори ҷодаи озодиву истиқлол» (с. 25-40), Зардушт «Паёмбари ойини ростин» (с. 41-95), Монӣ «Бозтоби нур дар зулмот» (с. 96-113), Маздак «Пешвои мардумдӯсти Эрони бостон» (с. 114-128), Муҳаммад (с) «Бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ» (с. 129-157), Имоми Аъзам «Асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро» (с. 158-203), Исмоили Сомонӣ «Абармарди хирад ва сиёсат» (с. 204-220), Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Қофиласолори адабиёти тоҷику форс» (с. 221-228), Абулқосим Фирдавсӣ «Ситоишгари адлу ростӣ ва нуру хирад» (с. 229-232), Абӯалӣ ибни Сино «Мутафаккири абадзинда» (с. 233-238), Носири Хусрав «Суханвари бузург ва марди андеша» (с. 239-248), Шамси Табрезӣ «Шахсияти бузург ва камназири олами ирфон» (с. 249-253), Ҷалолуддини Балхӣ «Пайвандгари дилҳо ва тамаддунҳо» (с. 254-264), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Таблиғгари фарҳанги сулҳ ва хостори ваҳдату субот» (с. 265-274), Камоли Хуҷандӣ «Бунёдгузори кохи азими сухан» (с. 275-278), Абдураҳмони Ҷомӣ «Пешвои ҳавзаи илмиву адабии Мовароуннаҳру Хуросон» (с. 279-288), Мирзо Абдулқодири Бедил «Нобиғаи шеър ва пайвандгари ду кишвар» (с. 289-291), Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ «Суханвари номвари адабиёти тоҷик» (с. 292-296), Садриддин Айнӣ «Зиндагонӣ ва қаҳрамонӣ» (с. 297-314), Нусратулло Махсум «Ҷонфидои миллат» (с. 315-320), Шириншо Шотемур «Тулӯи офтоби зиёбахш» (с. 321-327), Бобоҷон Ғафуров «Олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ» (с. 328-343), Мирзо Турсунзода «Шоири бузург ва ходими маъруфи ҷамъиятӣ» (с. 344-358), Сотим Улуғзода «Мусаннифи таърихи пурфоҷиаи халқ» (с. 359-361), ки кору пайкор ва осори пурғановаташон воқеан ҳам, тамаддунофару миллатсоз маҳсуб меёбад, дар бар гирифтааст. Аз мутолиаи китоби мазкур ҳар як шахс доир ба рӯзгору осори шахсиятҳои шинохтаи таърихию фарҳангии халқи тоҷик маълумотҳои пурқиматро дастрас карда метавонад. Муаллиф дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ба таърих ва симоҳои барҷастаи халқамон рӯ оварда, ба насли ҷавон зарурати донистани гузаштаи худ, рӯ овардан ба таъриху фарҳанги худро талқин менамояд. Тавре аз ҷониби худи муаллиф зикр мегардад, мутолиаи ин асар барои дар қалби ҷавонон бедор намудани меҳру муҳаббат, садоқату вафодорӣ мусоидат намуда, ба онҳо ифтихор аз таърихи пуршарафи гузаштагонро меомӯзонад.

«Арҷгузорӣ ба фарҳанги пурғановати миллатамон ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии насли ҷавони моро тавсеа бахшида, дар ҷаҳони пуртазоди муосир бедории маънавӣ ва зиракии сиёсии онҳоро таъмин менамояд ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят месозад» (с. 203).

Муаллиф дар мақолаҳое, ки дар китоб фароҳам омадаанд, ба сарнавишти шахсиятҳои баргузидаи таърихи тоҷикон, пеш аз ҳама, ҳамчун субъекти таърихи миллат нигариста, чеҳраи онҳоро дар заминаи усулҳои иҷтимоиву фарҳангии маърифати шахсият ба қалам кашидааст. Бинобар ин таҷассуми моҳияти сарнавишти инсонӣ ва фарҳангии ин гуна шахсиятҳо арзиши хос пайдо кардааст, онҳоро ҳамчун намунаи арзишҳои таърихии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллӣ, ки сарнавишташон аз рӯзгори таърихӣ ва муосири тоҷикон ҷудо нест, ба назар намоён мекунад.

Инчунин, дар офариниши чеҳраи шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ сараввал ба ин нукта таваҷҷуҳ кардааст, ки он афрод сарнавишти худ ва миллаташонро чӣ гуна сохтаанд ва чӣ гуна метавонанд ба имрӯзу ояндаи меросбаронашон ба василаи андешаҳову ормонҳояшон таъсири созанда бирасонанд. Дар шинохт ва арзёбии чеҳраҳои таърихиву фарҳангӣ ҳамин нукта маҳаки эътибор будааст, ки моҳияти аслии ҷустуҷӯҳои соҳиби китобро муайян мекунад.

Дар ин замина, муаллиф ҳангоми хитоб ба хонанда таъкид мекунад, ки «Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем». (с. 4).

Аз таҷрибаи таҳқиқи муаллиф дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ба парвариши созандаи ифтихороти миллӣ ва ватандорӣ маълум мегардад, ки метавонем ба се моҳият асли маъноро дарк намоем:

-ибратпазирӣ аз таърихи пуршебу фароз, вале пурифтихори гузашта;

-забон ва фарҳанги миллӣ;

-сарнавишти чеҳраҳои барозандаи таърихиву фарҳангӣ.

Дар ин замина ба масъалаҳои ибрати таърих, сабақҳои он бештар диққат додани муаллиф, пеш аз ҳама, ҳадафи волои ҳифзи асолати миллӣ ва таърихиву фарҳангии тоҷикон мебошад. Вақте ки мақолаҳои китобро мутолиа мекунем, дармеёбем, ки дар фаъолияти чеҳраҳои муҳими таърихи тоҷикон нуктаҳо, ҳикматҳо ва омӯзаҳои созандае ҳастанд, ки барои имрӯз ва фардои миллат, бахусус насли ҷавонамон ибратомӯзанд.

Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои неки ҷовидонаи миллат як рукни муҳими Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар асари «Чеҳраҳои мондагор» аз ҷумла, дар бораи бунёдгузори давлатдории мутамаддин – Куруши Кабир, мақолаи «Бунёдгузори давлатдории мутамаддин» (с. 6-24) ба шахсият, андеша ва корномаҳои ӯ ҳикоятҳо оварда шудааст, ки боиси ифтихори ҳар як фарди тоҷик ба шумор меравад. Ӯ барҳақ, Куруши Кабирро бунёдгузорӣ «империяи мутамаддини ориёӣ» дониста, таъкид менамояд, ки «Куруш дар таърихи тамаддуни башарӣ бо сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, таъсиси империяи тавоною мутамаркази ориёӣ, усули нави идоракунӣ ва шакли мукаммали давлатдорӣ, истилоҳоти умури сипоҳу низоми лашкар, густариши тиҷорату тадбирҳои роҳсозӣ, алалхусус, пойдории адолату пуштибонии ҳуқуқи манзалати ҷумлаи халқиятҳои сокини қаламраваш шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Эъломияи таърихии Куруш бошад, аз ҷониби олимону муаррихон ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, ки низоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатдориро пуштибонӣ мекард». (с. 6).

Дар мақола сарнавишти Куруш дар мабнои воқеиятҳои таърихиву фарҳангӣ арзёбӣ шуда, бо замони мо пайванди бевосита пайдо мекунад, зеро он аҳамияти миллӣ дорад.

Куруши Кабир ва усули давлатдории ӯ барои тоҷикон дарс ва ибрати таърихӣ буда, ба ифодаи муаллиф, омӯзандаи «рӯҳияи ваҳдату муттаҳидсозии миллат, пуштибони сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкорию ободонӣ, ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идоракунии мамлакат» мебошад (с. 7).

Аз хулосаву натиҷагириҳои муаллиф аён мегардад, ки дар қиёс бо дигар кишваркушоёну ҷаҳонгирони қабл аз Куруш ба сар бурда, вай баръакс ба ҳар шаҳру вилояте, ки қадам мегузошт, дар он ҷо бо мардум аз дари сулҳу осоиштагӣ ва дӯстию хайрхоҳӣ суҳбат меоросту муносибати инсондӯстона мекард. Хиради азалӣ, тафаккуру ҷаҳонбинии пешрафта, қобилияти зотии сиёсатмадорию дипломатияи барҷастаи мамлакатдорӣ ба Куруш имконият медоданд, ки ҳамвора баҳри ободонию шукуфоии ину он шаҳру вилоят ва тараққии кишварҳои кушодаи худ саъю ғайрат намояд. Ин амалҳои гуманистонаи Куруш самимияту меҳр ва ҷаззобияти ӯро дар байни на танҳо қавму халқияти он кишварҳо, балки сарону лашкаркашони дигар мамлакатҳое, ки ҳоло пои Куруш ба марзи онҳо нарасидааст, афзун мекард.

Дар таҳқиқ ва тафсири муаллифи китоби «Чеҳраҳои мондагор» Спитамен «Парчамбардори ҷодаи озодиву истиқлол» (с. 25-40) буда, ҳамчун шахсияте, ки ҳимояи халқашро пайгирона идома дода, ҷаҳиш ба амал овардааст ва дар ин ҷаҳиш дубора зода шуда, сарнавишташ умри дубора ёфтааст, дар таърихи тоҷикон мақоми маънавӣ ва арзиши баланди миллӣ дорад.

